УДК 338.1
ББК 65.9 (5)2/4

**РУШДИ СОҲАИ САНОАТ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ**

***Аскарова Санавбархон Султонходжаевна*** - *муаллимаи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, e-mail: sanam85@mail.ru*

**РАЗВИТИЕ ПРОМЫШЛЕННОГО СЕКТОРА НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ**

***Аскарова Санавбархон Султонходжаевна*** - *преподователь кафедры мировой экономики ГОУ “ХГУ импени академика Б.Гафурова”. г. Худжанд, Республике Таджикистан, e-mail: sanam85@mail.ru*

**DEVELOPMENT OF THE INDUSTRIAL SECTOR OF THE NATIONAL ECONOMY**

***Askarova Sanavbarkhon Sultonhodzhaevna*** - *Lecturer at the Department of World Economy of the Khugand State University named after Academician B.Gafurov. Khujand, Republic of Tajikistan, e-mail: sanam85@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ***: *иқтисодиёти миллӣ, сиёсати саноатӣ, рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ, низоми саноатӣ, сармоягузорӣ.*

*Дар мақола асосҳои назариявии рушди системаи саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мешавад. Муаллиф қайд мекунад, ки дар натиҷаи ислоҳоти иктисодӣ дар соҳаҳои саноатӣ мамлакат як қатор ташкилоту корхонаҳо тағйироти калон ба амал омаданд, системаи саноати кишвар инчунин таърифҳои муаллифи концепцияи сиёсати саноатӣ.*

***Ключевые слова:*** *национальная экономика, промышленная политика, конкурентоспособность промышленная продукция, промышленная система, инвестиции*

*В статье рассматриваются теоретические основы развития промышленной системы Республики Таджикистан. Автор отмечает, что в результате проведения экономических реформ в отраслях страны ряд организаций и предприятий претерпели существенные изменения, а также приведено авторские определения концепции промышленной политики.*

***Key words:*** *national economy, industrial policy, competitiveness of industrial products, industrial system, investments*

*The article discusses the theoretical foundations of the development of the industrial system of the Republic of Tajikistan. The author notes that as a result of economic reforms in the country's sectors, a number of organizations and enterprises have undergone significant changes, as well as the author's definitions of the concept of industrial policy.*

Рушди иқтисодӣ-иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сатҳи рушд ёфтани системаи саноати кишвар сахт алоқамандӣ дорад ва он саҳми соҳаҳо дар таъмини баланд гардидани иқтисодиёти инноватсиониро ба таври объективона инъикос менамояд. Дар сохтори истеҳсолоти умумии кишвар, дар соли 2020, дар ҷумҳурӣ саҳми маҳсулоти саноатиро тавсифи 293 намуди маҳсулоти саноатии истеҳсолкардашуда инъикос менамояд, ки асосан ба онҳо истеҳсоли тилло, нуқра, сурб, алюминий, ангишт, металҳои қимматбаҳо, пахта, семент, хишт, асбест, шифер, доруворӣ, масолеҳи гӯштӣ, масолеҳи хамирӣ ва ғайра дохил мешаванд. [1, С.9].

Ба д-ин минвол ва тибқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» дар соли 2030-ум ҳаҷми саноат дар сохтори ММД-и кишвар бояд то 21 % афзоиш ёбад. Барои ноил гардидан ба чунин ҳадафҳои миллӣ баланд бардоштани самаранокии соҳаҳои коркард ва

истихроҷи саноатӣ, рақобатпазир гардонидани истеҳсолоти ватанӣ бо истифодаи технологияҳои муосир хело муҳим мебошад. [2, С.16-20].

Аммо новобаста аз ин дар давраи муосир истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли рушд дорад ва дар ин замина баъд аз солҳои 2015-2016 истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ дарҷ ҷумҳурӣ афзоиш ёфта аст (ҷадвали 1).

*Ҷадвали 1. Динамикаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо нархҳои дахлдори солҳо, млн. сомонӣ*

| *Солҳо* | *2015* | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* | *2020* | *2020/2015, маротиба* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ, (тамоми саноат): | 12196 | 15090 | 20029 | 23894 | 27613 | 30890 | 2,5 |
| Истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ | 2549 | 2718 | 3729 | 5688 | 6808 | 7527 | 2,9 |
| Саноати истихроҷи маъдан | 1641 | 3004 | 4524 | 4686 | 4853 | 4309 | 2,6 |
| аз он ҷумла: Истихроҷи маводҳои энергетикӣ | 203 | 222 | 298 | 331 | 377 | 429 | 2,1 |
| Истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ | 1438 | 2782 | 4226 | 4355 | 4476 | 3880 | 2,6 |
| Саноати коркард | 8006 | 9368 | 11776 | 13520 | 15952 | 19054 | 2,3 |
| аз он ҷумла: Истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку | 3482 | 3690 | 4304 | 4900 | 5399 | 7089 | 2,03 |
| Истеҳсоли нассоҷӣ ва дузандагӣ | 1292 | 1520 | 2354 | 2479 | 2636 | 2870 | 2,2 |
| Истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол | 41 | 49 | 57 | 63 | 71 | 91 | 2,2 |
| Коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб | 77 | 103 | 119 | 138 | 148 | 142 | 1,8 |
| Истеҳсоли селулозаю коғаз, фаъолияти табъу нашр | 143 | 115 | 142 | 241 | 260 | 182 | 1,2 |
| Истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ | 52 | 62 | 79 | 105 | 127 | 87 | 1,6 |
| Истеҳсоли кимиёвӣ | 86 | 95 | 107 | 147 | 154 | 182 | 2,1 |
| Истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ | 61 | 85 | 157 | 200 | 265 | 291 | 4,7 |
| Истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ | 1201 | 1655 | 2091 | 2298 | 2593 | 2713 | 2,2 |
| Истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ | 1450 | 1850 | 2187 | 2708 | 3874 | 4978 | 3,4 |
| Мошинсозӣ | 93 | 114 | 142 | 203 | 308 | 291 | 3,1 |
| Ҳаргуна соҳаҳои саноат | 28 | 30 | 37 | 38 | 117 | 138 | 4,9 |

**Ҳисоби муаллиф аз рӯи:** Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 394-397; Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.18-19.

Аз малумотҳои ҷадвали 1 аён мегардад, ки тамоюли афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар соҳаи истихроҷи маъдан дар давраи солҳои 2015-2020 дар маҷмӯъ 2,6 маротиба рушд карда, дар ин доира истихроҷи маводҳои энергетикӣ 2,1 маротиба, истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ бошад 2,6 маротиба афзоиш ёфтаанд. Аммо бояд тазаккур дод, ки нишондиҳандаҳои маводҳои энергетики соли 2020 нисбат ба соли 2019 ба 11,2 % кам гардида, истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ бошад 13,3 % нисбат ба соли 2019 кам шудаанд. Дар саноати коркард нишондиҳандаҳои солҳои 2015-2020 тамоюли афзуншавӣ дошта, дар ин давра истеҳсоли маҳсулотҳои хӯрока, нассоҷӣ, чарм, истеҳсолоти кимиёвӣ аз 2 маротиба зиёд афзоиш ёфта, истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ 2,9 маротиба рушд карда, инчунин маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ, истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ ва мошинсозӣ бошанд афзоиши аз 3 маротиба зиёд доранд. Аммо дар мавриди

истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ бояд қайд намоем, ки дар давраи солҳои 2015-2020 тамоюли рушди он ба 4,7 маротиба афзун гардида, нисбат ба соли 2019 бошад 9,8 % зиёд мебошад ва нисбат ба коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб (1,8 маротиба) 2,9 маротиба зиёд мебошад. Ин пеш аз ҳама ба ба кор даровардани корхонаҳои коркарди пластмасса дар Вилояти Суғд ва ш. Душанбе дар се соли охир алоқаманд мебошад. [3, С.18-19].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ, соҳаи саноат аз истихроҷ, коркард ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об иборат мебошад. Соҳаи истихроҷ бо истихроҷи ашёи хоми маъданӣ, ангишт, маводҳои энергетикӣ ва ғайриэнергетикӣ алоқаманд буда, соҳаи коркард бошад фарогири бахшҳои коркардкунанда ва истеҳсолкунандаи маҳсулоти нав мебошад (ҷадвали 2).

*Ҷадвали 2. Динамикаи сохтори соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар давраи солҳои 2015-2020, %*

| *Солҳо* | *2015* | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* | *2020* | *2020 / 2015, %* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тамоми саноат | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100,0 |
| Истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гарми | 20,9 | 18 | 18,8 | 23,8 | 24,6 | 24,4 | 116,7 |
| Саноати истихроҷи маъдан | 13,5 | 19,9 | 22,6 | 19,6 | 17,6 | 13,9 | 103,0 |
| Истихроҷи маводҳои энергетикӣ | 1,7 | 1,5 | 1,5 | 1,4 | 1,4 | 1,4 | 82,4 |
| Истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ | 11,8 | 18,4 | 21,1 | 18,2 | 16,2 | 12,5 | 105,9 |
| Саноати коркард | 65,6 | 62,1 | 58,6 | 56,6 | 57,8 | 61,7 | 94,1 |
| истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку | 28,5 | 24,4 | 21,4 | 20,5 | 19,6 | 22,9 | 80,4 |
| истеҳсоли нассоҷӣ ва дузандагӣ | 10,6 | 10,1 | 11,8 | 10,4 | 9,5 | 9,3 | 87,7 |
| истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 100,0 |
| коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб | 0,6 | 0,7 | 0,6 | 0,6 | 0,5 | 0,5 | 83,3 |
| истеҳсоли селулозаю коғаз, фаъолияти табъу нашр | 1,2 | 0,8 | 0,7 | 1 | 0,9 | 0,6 | 50,0 |
| истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 0,5 | 0,3 | 75,0 |
| истеҳсоли кимиёвӣ | 0,7 | 0,6 | 0,5 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 85,7 |
| истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ | 0,5 | 0,6 | 0,8 | 0,8 | 1 | 1 | 200,0 |
| истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ | 9,8 | 11 | 10,4 | 9,6 | 9,4 | 8,8 | 89,8 |
| истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ | 11,9 | 12,3 | 10,9 | 11,3 | 14 | 16,1 | 135,3 |
| мошинсозӣ | 0,8 | 0,8 | 0,7 | 0,9 | 1,1 | 0,9 | 112,5 |
| ҳаргуна соҳаҳои саноат | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,4 | 0,4 | 200,0 |

***Таҳияи муаллиф аз рӯи:*** *Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.20-21.*

Дар сохтори соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҷадвали 2.) аз давраҳои солҳои 2015 то 2020 тағйиротҳои назаррас ба қайд гирифта шудаанд, ки дар ин ҷо метавон аз афзоиши нисбии онҳо сухан ронд. Аммо дар ин раванд тамоюли тағйирёбии саноати истихроҷи маъдан аз 13,5 % давраи соли 2015 фақат 0,5 % тағейр ёфта, саноати коркард бошад дар соли 2020 аз 61,7 % расида аст ва боз ҳам дар ин радиф пешсафиро истеҳсолу тақсими нерӯи барқ ва гармидиҳӣ касб намуда аст, ки аз нишондиҳандаи 20,9 %-и соли 2015 ба 24,4 % дар соли 2020 ноил гардида аст. [4, С.20-21].

Дар мавриди ташаккулёбии корхонаҳои саноатии кишвар бояд тазаккур дод, ки он то ба ҳол ба миқдори ибтидои соли соҳибистиқлолии кишвар, яъне соли 1991, ки шумораи корхонаҳои саноатӣ дар миқёси ҷумҳурӣ 2308 воҳидро ташкил медоданд, нарасида аст. Аммо тамоюли рушди солҳои 2012-2020 афзоиши равандҳои ташаккулёбии шумораи корхонаҳои саноатиро нишон медиҳад (ҷадвали 3).

*Ҷадвали 3. Шумораи корхонаҳои саноатӣ аз рӯи соҳаҳои саноат, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, адад*

| *Давраҳо* | *2012* | *2014* | *2015* | *2017* | *2019* | *2020* | *2020/2012, %* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тамоми саноат | 1586 | 2164 | 2310 | 1999 | 2164 | 2283 | 143,9 |
| аз он ҷумла: Саноати истихроҷи маъдан | 109 | 154 | 214 | 229 | 250 | 264 | 2,4 маротиба |
| Нисбат ба хамагӣ, % | 6,9 | 7,1 | 9,3 | 11,5 | 11,6 | 11,6 | - |
| Саноати коркард | 1448 | 1980 | 2071 | 1732 | 1746 | 1846 | 127,5 |
| Нисбат ба хамагӣ, % | 91,3 | 91,5 | 89,7 | 86,6 | 80,7 | 80,9 | - |
| Истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ | 29 | 28 | 30 | 38 | 168 | 173 | 5,9 маротиба |
| Нисбат ба хамагӣ, % | 1,8 | 1,3 | 1,3 | 1,9 | 7,8 | 7,6 | - |

***Таҳияи муаллиф аз рӯи:*** *Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 397; Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.24-25.*

Чӣ хеле ки аз чадвали 3 мебинем дар давраи солҳои 2012-2020 шумораи корхонаҳои саноатӣ дар маҷмуъ 43,9% афзоиш ёфта, аз ин ҳисса корхонаҳои саноати истихроҷ 2,4 маротиба зиёд гардидаанд, ки онҳо 11,6 ҳиссаи тамоми корхонаҳоро ташкил медиҳанд. Дар мавриди тамоюли рушди корхонаҳои саноати коркард маълум шуд, ки шумораи онҳо дар соли 2020 нисбат ба соли 2012 ба 1847 адад расида 27,5 % афзоиш ёфтаанд ва дар ин давра ҳиссаи онҳо нисбат ба ҳиссаи умумии корхонаҳои кишвар 80,9 %-ро ташкил дода аст. Боиси қайд аст, ки дар давраи таҳлилӣ, ҳиссаи афзоиши корхонаҳои ба истеҳсол ва тақсими нерӯ ва гармӣ машғул буда 5,9 маротибаро ташкил дода, дар соли 2020 нисбат ба ҳиссаи умумӣ 7,6 % -ро ташкил медиҳанд. [5, С.24-25].

## ПАЙНАВИШТ


1. Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04 соли 2011, № 227; Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2015, № 354; Консепсияи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори рушди саноати сабук дар ҶТ барои солҳои 2006-2015 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 31.10.2005с., № 422); Барномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.12.2003с., №523); Барномаи татбиқи дастовардҳои илмию техникӣ дар истеҳсолоти саноатии ҶТ барои солҳои 2010-2015 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.10.2009, № 574), - С. 9.
2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1 октябри соли 2016. - № 392. - Душанбе: «КОНТРАСТ», 2016. - С.16-20.
3. Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 394-397; Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.18-19.
4. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.20-21
5. Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 397; Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.24-25.


## REFERENCES


1. Innovative development program of the Republic of Tajikistan for 2011-2020. Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated April 30, 2011, No. 227; Innovative development strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2020 Government of the Republic of Tajikistan Resolution of May 30, 2015, No. 354; The concept of the development of the industry of the Republic of Tajikistan (Decision on the development of light industry in the Republic of Tajikistan for the years 2006-2015 (Decision of the Government of the Republic of Tajikistan dated 31.10.2005, No. 422); Program of the Government of the Republic of Tajikistan dated 04.12.2003, No. 523); The program of implementation of scientific and technical achievements in the industrial production of the Republic of Tajikistan for the years 2010-2015 (Decision of the Government of the Republic of Tajikistan dated 05.10.2009, No. 574), - P. 9.

2. National development strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030 // Government of the Republic of Tajikistan. October 1, 2016. - No. 392. - Dushanbe:
3. Tajikistan: 30 years of state independence // Statistical collection. - Dushanbe, Statistical Agency under the President of the Republic of Tajikistan, 2021. - S. 394-397; Industry of the Republic of Tajikistan: 30 years of state independence // Statistical collection. - Dushanbe, Statistical Agency under the President of the Republic of Tajikistan, 2021. - P.18-19.
4. Industry of the Republic of Tajikistan: 30 years of state independence // Statistical collection. - Dushanbe, Statistical Agency under the President of the Republic of Tajikistan, 2021. - P.20-21
5. Tajikistan: 30 years of state independence // Statistical collection. - Dushanbe, Statistical Agency under the President of the Republic of Tajikistan, 2021. - S. 397; Industry of the Republic of Tajikistan: 30 years of state independence // Statistical collection. - Dushanbe, Statistical Agency under the President of the Republic of Tajikistan, 2021. - P.24-25.